## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Раҳимова Наргис Қаҳоровна дар мавзуи «Нақши тарҷума дар эҷодиёти Фарзона» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ. – Хуҷанд, 2023. – 173 с.**

Адабиёти қавму миллати тоҷик дар доираи худ маҳдуд намонда, дар масири рушду ташаккули пайваста, дар доду ситади адабиву фарҳангӣ бо адабиёти халқҳои дигар қарор доштааст. Бинобар ин, ҳар як фарҳангу адаби миллӣ баробари истифодаи суннатҳои дохилӣ дар робита бо адабиёти халқҳои дигар ва корбурди арзишҳои адабӣ, ғоявӣ ва эстетикии онҳо марҳалаҳои инкишоф ва камоли худро паймудааст. Аз он ки яке аз вазифаҳои муҳимми адабиётшиносии муосир таҳқиқи ҳамаҷонибаи робитаҳо бо адабиёти халқҳои дигар аст, тарҷума дар ташаккул ва таҳаввули равобити фарҳангӣ ва адабии миёни халқҳои гуногун яке аз воситаҳои муҳим ва куҳан маҳсуб меёбад.

Мавзуи кори диссертатсионии Раҳимова Наргис Қаҳоровна яке аз самтҳо ва масъалаҳои пажӯҳишӣ дар **шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ** буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ин ихтисос комилан **мувофиқ аст**.

Ба назари мо, мавзуи интихобгардидаи диссертатсияи мазкур **аз чанд ҷиҳат мубрам** мебошад, пеш аз ҳама, ҳарчанд ки то имрӯз роҷеъ ба тарҷумаи осори Фарзона таҳқиқоти густурдаву судманде сурат гирифта бошад ҳам, вале дар адабиётшиносии тоҷик тарҷумаи шеъри русӣ ба тоҷикӣ ва тоҷикӣ ба русӣ дар заминаи эҷодиёти Фарзона дар шакли рисола мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Ба ин ваҷҳ муаллиф кӯшиш кардааст, ки муҳимтарин масоили таърихи тарҷумаро мавриди назар қарор дода, мундариҷаи осори ба тоҷикӣ тарҷумашудаи шоирони рус ва ҷаҳонро бо қалами Фарзона ва ҳамзамон ашъори Фарзонаро дар тарҷумаҳои русӣ ва забонҳои дигар муайян намояд. Дар ин замина, бори аввал масъалаи

таваҷҷуҳи Фарзона ба масоили кори тарҷумонӣ низ аз назари муаллифи рисола берун намондааст. Аз тарафи дигар, дар мавриди баъзе ҷанбаҳои мавзуӣ, ҳунарӣ ва сабкии тарҷума, ибтикороти тарҷумонии Фарзона бо мутарҷимони дигар низ арзёбии қиёсӣ сурат гирифтаанд.

Диссертант дуруст зикр менамояд, ки таҳқиқи фаъолияти тарҷумонии Фарзона ва тарҷумаи шеъри ӯ ба забони русӣ барои омӯзиши вежагиҳои адабии нимаи дуюми асри XX **аҳаммияти хос** дорад. Фарзона дар баробари нишон додани истеъдоди баланди шоирӣ ба коргоҳи тарҷума низ ворид гашта, дар ҳамин ҷода ҳамчун яке аз нодиракорон шинохта шуд.

Диссертатсияи Раҳимова Наргис Қаҳоровна аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи рисола иборат мебошад.

Муаллиф дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқ ва дараҷаи таҳқиқи мавзуъро асоснок намудааст. Дар бахши тавсифи умумии таҳқиқот дар хусуси мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, объект ва сарчашмаҳои таҳқиқ, предмети таҳқиқ, асосҳои назарии таҳқиқ, асосҳои методологии таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва ғайра ифода ёфтаанд.

Дар боби аввали диссертатсия Раҳимова Наргис Қаҳоровна ба тарҷума ҳамчун воситаи инкишофи бадеии адабиёти тоҷик назар афканда, такя ба манобеъ ва таҳқиқоти қаблан анҷомёфта, оид ба таърихи тарҷума ва нақши он дар рушди равобити адабӣ дар адабиёти тоҷикро мавриди таҳқиқ қарор дода, бо истифода аз далелҳои муътамад собит намудааст, ки нақши тарҷума дар муаррифии ашъори Фарзона хеле бориз мебошад. Дар фасли аввали ин боб аз таърихи тарҷума ва нақши он дар рушди равобити адабӣ, тарҷума дар адабиёти ҷаҳонӣ, андешаҳо ва гуфтаҳои донишмандони русу хориҷӣ ва тоҷик оид ба масъалаи зикршуда, тарҷумаи бадеӣ дар замони муосир ва муайян намудани баррасии мухтасари ҷойгоҳи тарҷумаҳои русӣ ва тоҷикӣ дар раванди равобити адабии халқҳоро фарогир аст.

Диссертант дар фасли дуюм нақши тарҷумаро дар ашъори Фарзона таҳқиқ карда, иброз менамояд, ки вижагиҳои забону услуб дар мазмунҳои иҷтимоӣ, фалсафӣ ва ирфонии ашъори шоира ифода ёфта, он аз падидаҳои нодири ҳунари шоирии Фарзона ба ҳисоб меравад. Дар ин маврид муаллифи рисола ба тарҷумаҳои шеърҳои шоира ва вижагиҳои он, ки аз тарафи мутарҷимони гуногун ба забонҳои англисӣ, олмонӣ, беларусӣ, арабӣ, ӯзбекӣ ва дигар забонҳои дунё низ тарҷума шудааст, андешаҳои ҷолиб баён кардааст.

Боби дуюми рисола ба истеъдоди тарҷумонии Фарзона ва тарҷумаи ашъори адибони рус бахшида шуда, дар фасли якум тасвири тарҷумаи ашъори Александр Пушкин ба силки таҳқиқ кашида шудааст. Ба ақидаи унвонҷӯ тарҷумаи шеъри русӣ ба забони тоҷикӣ аз баргардонии шеъри шоири бузурги рус Александр Пушкин дигаргунӣ пазируфт. Шеъри шоири рус бо шуҳрати беандоза ба олами шеър ва тафаккури адабии тоҷик ворид шуд. Муаллифи рисола ба сабку услуб ва ба вижа ба маҳорати тарҷумонии Фарзона диққати махсус дода, дар вақти қиёсу баррасӣ ба он баҳои холисона додааст.

Дар фасли дуюми боби зикршуда вижагиҳои тарҷумаи ашъори Федор Тютчев ва Сергей Есенин ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, таваҷҷуҳи Фарзонаро ба шеърҳои адиби рус Федор Тютчев ҷалб намуданд, ки ҷанбаи воқеӣ, эҳсосӣ ва оҳангҳои ошиқонаи бештарро доштанд. Дар мавриди таҳлили шеърҳои Есенин унвонҷӯ таъкид мекунад, ки Фарзона бо маҳорати баланд ҳолати руҳӣ ва эҳсоси шоири русро дарк намуда, онро ончунон ба тасвир гирифтааст, ки хонанда дарк намекунад, ки он шеъри тарҷумавӣ бошад.

Фасли сеюми боби дуюм ба тарҷумаи ашъори Анна Ахматова бахшида шудааст. Фарзона ба ашъори ин шоираи ширинкалом таваҷҷуҳи хосса дода, тарҷумаҳояшро бо истифодаи вожаву ибороти дилангез корбаст намудааст.

Ашъори Александр Блок ва Марина Светаева фасли навбатии боби дуюми рисоларо ташкил дода, дар он ҳунари баланди тарҷумонии Фарзона

ва таҳлилу баррасии ашъори шоирони рус таҳқиқ гардидааст. Раҳимова Наргис Қаҳоровна ба ашъори Александр Блок ва Марина Светаева таваҷҷуҳ зоҳир намуда, тарҷумаҳои Фарзонаро бо нусхаи асл муқоиса намуда, маҳорати баланди тарҷумонии шоираи тоҷикро таъкид месозад.

Боби сеюми диссертатсия «Тарҷумаи ашъори адибони Ғарб ва Шарқ» унвон дошта, дар се фасл таҳрезӣ гардидааст. Дар боби мазкур тарҷумаи осори адибони Ғарб, намунаи ҳайкуҳои ҷопонӣ ва ашъори Абай Кунанбоев дар тарҷумаи Фарзона ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Дар фасли якуми боби сеюм намунаҳои тарҷумаи осори адибони Ғарб – И. Гёте, Ҳ. Ҳейне, Ҷ. Байрон, А. Экзюперӣ, ки аз тарафи Фарзона анҷом ёфтаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Диссертант бо далелҳои ҷолиб бартарии тарҷумаҳои Фарзонаро аз дигар мутарҷимон собит намудааст.

Дар фаслҳои дуюму сеюми боби зикршуда диссертант ҳайкуҳои ҷопонӣ ва ашъори Абайро, ки мавриди тарҷумаҳои Фарзона қарор ёфтааст, бо маҳорати баланд таҳлил намудааст. Ба ақидаи вай ҳайкуҳои ҷопонӣ ҳолати руҳиву таассуроти ботинии шоири тоҷикро дар ин навъи шеърӣ муайян менамоянд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионии** Раҳимова Наргис дар он зоҳир меёбанд, ки дар кори мавриди назар аз назариёти адабӣ ва тарҷумашиносии ватанию хориҷӣ дуруст истифода гардида, маълумот, иқтибосот, ҳаҷми интишорот, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ ва интихоби методҳо саҳеҳанд ва ба талаботи диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Хулосаҳои муаллиф дар даҳ банд ифода ёфтааст, ки илмиву мантиқан асоснок буда, натиҷагирии таҳқиқи мавзуи интихобшуда ба ҳисоб меравaнд. Тавсияҳои муаллиф низ қобили таваҷҷуҳ буда, дар шинохту баррасии ҳарчи амиқтари эҷодиёти Фарзона мусоидат менамоянд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ** дар гузориши масъала зоҳир гардида, бори аввал ба таври монографӣ таҳқиқ гардидани мавзуи зикршударо ифода намудааст. Мақсад ва вазифаҳои диссертатсияи мазкур таҳқиқи ҳамаҷонибаи

нақши тарҷума дар эҷодиёти Фарзона буда, диссертант ба мақсадҳои дар назди худ гузоштааш расида, онҳоро дар сатҳи зарурӣ матраҳ ва ҳал намудааст.

**Натиҷаҳои назарӣ ва амалии таҳқикро** метавон дар таълифоти китобҳои дарсӣ ва таҳқиқӣ вобаста ба тарҷумаи асари бадеии адабиёти замони Истиқлол, навиштани китоби илмӣ дар бораи тарҷумаҳои осори Фарзона ва тарҷумаи осори ӯ аз тарафи адибони хориҷи кишвар, барои таҳқиқу баррасии муҳимтарин махсусиятҳои сабку услуби тарҷумонии Фарзона, барои таълифи корҳои курсӣ, рисолаҳои хатму магистрӣ ва амсоли ин мавриди истифода қарор дод.

Рӯйхати адабиёт шомили 176 адад буда, аз осори таҳқиқӣ ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ, монографияҳо, фарҳангҳо, диссертатсияҳо ва авторефератҳо, мақолаҳо ва маърузаҳо иборат мебошад.

Муҳтавои асосии таҳқиқи диссертатсионӣ дар 16 мақолаи муаллиф инъикос ёфтааст, ки аз он 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст.

**Автореферат ва мақолаҳое**, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифта, саҳми шахсии муаллифро низ собит менамоянд ва ба меъёрҳои мавҷуда мувофиқанд

Бо вуҷуди дастовардҳои зиёди илмии муаллифи диссертатсия дар кори таҳқиқии ӯ баъзе иштибоҳот роҳ ёфтаанд, ки ба эътибор гирифтани онҳо боиси боз ҳам беҳтар гардидани сатҳу сифати диссертатсия хоҳад шуд:

1. Боби якуми диссертатсия «Тарҷума – яке аз воситаҳои инкишофи адабиёти бадеии тоҷик» унвон мегирифт, ба мақсад мувофиқ буд, чунки тарҷума яке аз воситаҳои ғановатбахшандаи адабиёти бадеии қавму миллатҳои гуногун шинохта шуда, ба ғайр аз он роҳҳои дигаре низ ҳастанд, ки адабиётро бою ғанӣ мегардонанд.

2. Дар диссертатсия номи олимону муҳаққиқон ва шоирон гуногун оварда шудааст, масалан: Шокир Мухтор – Ш. Мухтор, Александр Пушкин – А. Пушкин. Беҳтар мешавад, агар исмҳои хос ба таври ягона оварда шаванд.

3. Дар баъзе ҳолатҳо такрори фикр бо тарзҳои гуногун ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

4. Гуногуннависӣ ва имлои гуногуни калимаҳо дар диссертатсия ба чашм бармехурад. Чунончи: ҳайку ва ҳойку (саҳ. 130, 131, 132...).

5. Баъзан адабиёти истифодашуда ноқис буда, таҷдиди назар намудани онҳо ҳусни корро меафзояд. Илова бар ин, гоҳе дар рӯйхати адабиёт риоя нагардидани тартиби хронологӣ дар мисоли осори илмии А. Сайфуллоев ва А. Самадов ба мушоҳида мерасад.

6. Ғалатҳои имлоӣ, ба монанди бе фарқ гузоштани тире ва дефис, риоя нагардидани фосилаи байни калимаҳо дар рӯйхати адабиёт, бидуни зарурат гузоштани аломатҳои китобат ба назар мерасанд, ки минбаъд ба назар гирифтани онҳо ба манфиати кор аст.

Бояд таъкид кард, ки камбудиҳои зикршуда хусусияти ҷузъӣ дошта, ислоҳпазиранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияи Раҳимова Наргис Қаҳоровнаро коста гардонида наметавонанд. Пас аз такмилу таҳрир ҳангоми таҳия ва нашри рисола ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии диссертант ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

Муаллифи рисола вазифаву ҳадафҳои илмии дар назди худ гузоштаашро ҳал намудааст ва диссертатсияи ӯ кори таҳқиқии муҳим дар шинохти тарҷумаҳои осори Фарзона дар адабиётшиносии тоҷик маҳсуб меёбад.

**Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ** дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

**Хулоса,** диссертатсияи номзадии Раҳимова Наргис Қаҳоровна дар мавзуи «Нақши тарҷума дар эҷодиёти Фарзона» кори таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
**номзади илмҳои филологӣ, декани факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Зулфиев Г.Н.**
**«16» январи соли 2024.**

Маълумот барои иртибот:
735360, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сангов, 5/8
E-mail: zgn_1988@mail.ru
Телефон: (+992) 985-16-75-69.

**Имзои Зулфиев Гадомад Нурмадовичро тасдиқ мекунам:**
**сардори РК ва КМ Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Амиров Ф.**
**16-уми январи соли 2024.**

Маълумот барои иртибот:
735360, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
E-mail: info@kgu.tj.
Телефон: (833-22) 2-35-06.